## 2165 - Зикрҳои вузӯ

**савол**

Ҳангоми вузӯ анҷом додани чӣ чиз мустаҳаб аст? Баъд аз он чӣ бояд гуфт?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Тарзи вузӯи шаръӣ чунин аст: Инсон се бор аз зарф ба ҳар ду дасти худ (то банди даст) об мерезад, сипас дасти рости худро ба зарф дохил менамояд ва се бор мазмаза ва истиншоқ мекунад. Онгоҳ се бор рӯи худро шуста, сипас се бор ҳар ду дастро бо оринҷҳо мешӯяд, баъдан як бор сар ва гӯшҳои худро масҳ мекунад, онгоҳ ҳар ду пои худро то буҷулак се бор мешӯяд. Агар ду маротиба, ду маротиба ё як маротиба бишӯяд, кофист. Сипас баъд аз вузӯ мегӯяд:

أَشْهَدُ أَنْ لا إِله إِلاَّ الله وحْدَه لا شَرِيكَ لهُ، وأَشْهَدُ أَنَّ مُحمَّدًا عبْدُهُ وَرسُولُه ، اللَّهُمَّ اجْعَلْنِي مِنَ التَوَّابِينَ ، واجْعَلْنِي مِنَ المُتطَهِّرِينَ

**"Ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ ва ашҳаду анна муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳ. Аллоҳуммаҷъалнӣ мина-т-таввобина ваҷъалнӣ мина-л-мутатаҳҳирин".**

***(Гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуде бар ҳақ ҷуз Аллоҳи ягона нест, Ӯ шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва паёмбари Ӯст. Эй Аллоҳ, маро аз ҷумлаи тавбакорон ва покизагон қарор бидеҳ).***

Фатовои кумитаи доимӣ (5/231).

Аммо пеш аз вузӯ "Бисмиллоҳ" мегӯяд, зеро дар ҳадис омадааст: **«Вузӯи касе, ки "Бисмиллоҳ" нагуфтааст, дуруст нест».** "Сунан"-и Тирмизӣ: 56.